«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Қурбонзода М.Р.
аз «_10_» __03__ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мувофиқи суратҷаласаи № 5 – и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 08.02.2024 МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" барои диссертатсияи мазкур ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда муқаррар гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич ба яке аз масъалаҳои мубрам – саҳми академик М. Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон бахшида шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат менамояд ва он дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи рисола аъзоёни кафедра 18 нафар, аз ҷумла 2 нафар доктори илмҳои таърих, 9 нафар номзадони илмҳои таърих ва дигар устодони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муассисаи тақриздиҳанда дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Алимов Давлаталӣ Халилович омода

гардидааст, иброз менамояд, ки рисолаи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ)» дар мавзуи мубрам навишта шуда, дорои аҳаммияти калони илмию назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки то имрӯз дар бораи нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст ва рисолаи мазкур дар ин самт аввалин кӯшише мебошад, ки дар он фаъолияти илмиву омӯзгорӣ, ташкиливу ҷамъиятӣ, омоданамоии мутахассисони илмӣ ва саҳми бевоситаи академик М. Эркаев дар таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ дар мактаби олӣ таҳлилу баррасӣ ва инъикос карда шудааст. Инчунин, омӯзиши таҷрибаи ҳаёту фаъолияти илмиву омӯзгории ин муҳаққиқи барҷастаи тоҷик дар роҳи тақвияти барномаҳои мушаххаси мактаби олӣ, дастурҳои илмиву методӣ хизмат менамояд.

Ба сифати **объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ** омӯзиши масоили мубрами таҳаввулоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон дар замони шуравӣ қабул карда шудааст.

**Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро** омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти пурсамари илмиву педагогии шахсияти намоёни соҳаи маорифи Тоҷикистон академик Мулло Эркаев, аз ҷумла саҳми ӯ дар инкишофи мактаби олии ватанӣ, ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти** илмии мазкур васеъ буда, дар диссертатсия аз маводи бойгонӣ, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва маълумоти омории мутааллиқ ба соҳаи маориф ва мактаби олӣ, асарҳои таълифкардаи академик Мулло Эркаев, хотираҳои хешу табор, ҳамкорон ва шогирдони ӯ васеъ истифода бурда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши фаъолияти илмию омӯзгорӣ, ташкилию ҷамъиятӣ ва инъикоси саҳми академик Мулло Эркаев дар ташаккули илм ва рушди маълумоти олии касбии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар мувофиқа бо ҳадафи мазкур муаллифи рисолаи диссертатсионӣ вазифаҳои таҳқиқотро муқаррар намудааст.

**Навгонии илмии** кор дар он таҷассум мегардад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ накши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон барои чорчӯбаи хронологии муқарраршуда ва дар робита ба вазифаҳои таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

**Сохтори диссертатсия** аз мукаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш илмии он, максад ва ҳадафи омӯзиш, объект ва предмети таҳқикот, чаҳорчӯбаи хронологии он, микёси худудии таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии тахкикот, муҳиммияти мавзуъ ва асосҳои методологии таҳқиқот нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия – **"Ҳаёт ва фаъолияти илмиву педагогӣ ва ташкилотчигии Мулло Эркаев"** номгузорӣ шудааст, ки он аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **"Давраи кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ ва оғози фаъолияти омӯзгорӣ"** ном дорад, ки дар он оиди ибтидои ҳаёт ва фаъолияти касбии М. Эркаев маълумотҳои зарурӣ оварда шудааст. Диссертант тавонистааст нишон диҳад, ки мушкилот, заҳмату талош, муҳаббат ба илм ва иродаи кавии Мулло Эркаев буд, ки ӯ ҳанӯз аз давраи наврасӣ ва ҷавонӣ талошҳои зиёде намуда, таҳкурсии мустаҳками таърихшиносии касбии худро махз дар хамин давра гузоштааст, ки мактаби олии ҷумҳурӣ аз он манфиати пурбаракат дида, ҳоло ҳам аз мероси маънавии ин олими бузург омӯзгорони таърихшиноси мактабҳои олӣ ва мутахассисони ҷавони соҳаи илми таърих сабақ мегиранду дар фаъолияти хеш истифода мебаранд.

Дар зербоби дуввуми боби аввал мавзуи **"Камолоти илмиву педагогии Мулло Эркаев"** баррасӣ гардидааст. Муаллифи рисола зикр намудааст, ки М. Эркаев аз соли 1950 то соли 1975 дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба ҳайси мудири кафедраи таърихи ҲКИШ-и факултети таърих фаъолият намуда, кафедраро ба маркази муҳимтарини таҳқикотии таърихи Ҳизби коммунистии ИҶШС табдил додааст. Ҳамзамон, ӯ таҳкикотҳои мубрам, ба монанди «Торумор намудани

гумоштаи империализми англо–америкой Иброхимбеки моҷароҷӯй», «Ба Россия ҳамроҳ карда шудани Осиёи Миёна ва аҳаммияти таърихии он барои халқи тоҷик», «Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ», «Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон» ва ғайраҳоро ба анҷом расонида, тамоми унвон ва дараҷаҳои баланди илмиро ба даст овардааст. Диссертант ин асарҳоро чукур омӯхтаю таҳлил намуда, натиҷагирӣ мекунад, ки ин марҳилаи фаъолияти Мулло Эркаевро, бешак, давраи камолоти касбӣ – илмиву педагогии ӯ ҳисобидан мумкин аст.

Дар зербоби севуми боби аввал – **“Масъалаҳои таърихи халқи тоҷик дар осори илмии Мулло Эркаев”** муаллифи рисола зикр менамояд, ки ҷабҳаҳои гуногуни пажуҳиши илмии М. Эркаев асосан ба мавзуъҳои барпо ва мустаҳкамшавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон, таърихи ҶШС Тоҷикистон, таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Аз маводи овардашуда бармеояд, ки дар маҷмуъ таълифоти олим бештар аз 30 монографияю китобхои дарсӣ, беш аз 60 мақолаҳои илмӣ ва қариб 80 мақолаҳои дигар дар саҳифаҳои матбуоти даврии ҷумҳурӣ, ки масъалаҳои мубрами илмӣ-таърихӣ, таълимиву тарбиявӣ ва ҷамъиятиро фаро мегиранд, ба табъ расонидааст.

Муаллиф чанде аз асарҳои олимро ба риштаи таҳлилу баррасӣ кашидааст, ки яке аз онҳо “Таърихи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон” мебошад. Дар такя ба маълумотҳои асар ва таҳлилу баррасии асарҳои мухталифи олимон, махсусан муҳаққиқони имрӯза, ки дар зери таҳлили мустақилонаи илмӣ, дар такя ба сарчашмаҳои исботшаванда ва принсипҳои интиқодии мушаххаси илмӣ, муаллиф андешаҳои комили хешро баён сохтааст, ки муваффақияти илмӣ маҳсуб меёбанд.

Дар зербоби чоруми боби аввал **“Саҳми Мулло Эркаев дар корҳои ташкилию ҷамъиятӣ”** мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола қайд намудаанд, ки Мулло Эркаев баробари донишандӯзӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот – дар корҳои ҷамъиятии мактаб, донишкада ва оғози фаъолияти кориаш дар таквияти таълиму тарбия ба корҳои ташкилию ҷамъиятӣ ва созандагиҳо ҳамчун як фарди фаъоли ҷомеа ширкат варзидааст. Дар рисола зикр гардидааст, ки дар солҳои 40-ум М. Эркаев бевосита ба корҳои пурмасъулияти ҳизбию давлатӣ машғул гардида, нақши худро дар бартараф намудани мушкилот

ва ташаккули ҷомеа гузоштанд. Ин таҷриба буд барои оянда – вакте, ки дубора ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул гардиданд, дар корҳои ҳизбию ҷамъиятии донишгоҳ (махсусан, роҳбари ҷамъияти "Дониш"-и ДДТ ба номи В.И. Ленин), шаҳр ва ҷумҳурӣ фаъолона иштирок ва чандин маротиба аъзои ташкилотҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ва ҳамзамон, аъзои бюрои ҳизбии донишгоҳ, вакили шурои меҳнаткашони вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ интихоб гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия – **"Мактаби илмиву педагогии академик Мулло Эркаев"** аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал – **"Нақши М. Эркаев дар инкишофи таърих, назария ва амалияи касби омӯзгорӣ"** номгузорӣ гардида, дар он андешаҳои илмиву назариявӣ ва амалии олим, ки дар ҷодаи касби омӯзгорӣ аз худ ба мерос гузоштанд, мавриди ҷамъоварӣ қарор гирифта, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Қобили зикр аст, ки муаллифи рисола дар ин зербоб ба таҳлили асари М. Эркаев «Дар саргаҳи маориф», ки вазъи маърифатии аҳолӣ, низоми ақибмондаи маорифи давр ва хусусияти синфӣ доштани маорифро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, диққати калон додааст.

Ҳамин тавр, муаллифи рисола дар ин зербоб ба таҳлили андешаҳо, хотироти дӯстон, ҳамкасбон ва шогирдони М. Эркаев пардохта, андешаҳо ва роҳу усулҳои таълимиву тарбиявии ин олимро ба риштаи таҳлил кашидааст. Вай зикр месозад, ки ҳаёт, фаъолияти илмиву назариявӣ ва амалии академик Мулло Эркаев оид ба касби омӯзгорӣ шаҳодат медиҳад, ки пешаи омӯзгорӣ муқаддасу бузург мебошад, зеро на ҳар кас аз ӯҳдаи ин касби пуриftихор баромада метавонад. Ин касб аз ҳар як омӯзгор маҳорати баланди касбӣ, донишу хирад ва масъулияти бузургро дар назди халқ, волидайн ва дар назди виҷдони худ талаб менамояд.

Зербоби дуюми боби дуюм – **"Саҳми академик Мулло Эркаев дар тайёр намудани кадрҳои илмиву педагогӣ"** номгузорӣ гардида, дар он роҳу усулҳои мактаби хосаи илмиву педагогии академик Мулло Эркаев, ки онро зиёда аз 60 нафар гузаштаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Муаллифи рисола дар зери таҳлилҳо ва мусоҳибаҳо бо олимони кунунии мактабҳои олӣ қайд месозанд, ки М. Эркаев қариб барои

тамоми муаррихони насли нисбатан калону миёнаи ҷумҳурӣ ҳаққи устодӣ дорад. Бевосита дар рафти фаъолияти кориашон шогирдони зиёд, аз ҷумла Х. Бобоева, Н. Ғафурова, А. Ҳайитов, М.Ҳ. Маликов, А. Қувватов ва дигарон, аз мактаби илмии ӯ гузаштаанду садҳо нафар олимони дигар аз тавсияҳои илмии олим истифода намуда, таҳқиқотҳои мухталифи мубрами таърихи халқи тоҷик ва минтақаро зери роҳбарии ин олими барҷаста ба анҷом расонидаанд. Ҳамин тавр, дар рисола қайд карда шудааст, ки имрӯз шогирдони М. Эркаев, ки ба зинаҳои баланди илмӣ расидаанд, дар шукуфоии илму маориф ва таърихнигории халқи тоҷик саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд ва ин муваффақияти худро онҳо самараи заҳматҳои академик М. Эркаев меҳисобанд. Муаллиф пайравӣ ва истифода аз роҳу усулҳои мактаби бузурги илмии чунин олимони варзидаи халқамонро барои ҳар як омӯзгори мактаби олӣ, махсусан, омӯзгорони ҷавон, мояи ифтихору ибрат унвон намудаанд.

**Дар хулосаи диссертатсия** фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ оварда шуда, инчунин пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои ӯ низ боиси қабул мебошанд.

Ҳамин тавр, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия пешкаш шудаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ хислати навгонӣ доранд. Муаллиф тавонистааст, ки аз уҳдаи ҳалли вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот бо сарбаландӣ барояд. Ӯ маводи ҷамъоварӣ намудаашро тариқи муназзам пешниҳод намуда, асоснок натиҷагирӣ кардааст.

Сохтор ва муҳтавои асосии диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» тибқи талабот ва меъёрҳои муайянгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардида, ҷавобгӯи меъёрҳои муайянгардидаи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад.

Унвонҷӯ оид ба диссертатсияи худ 8 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашриҳо, ба нашр расонидааст.

Аммо ба монанди ҳамагуна корҳои илмӣ, дар баробари дастоварду муваффакиятҳо дар диссертатсияи мазкур, аз назари мо, баъзе камбудию норасоиҳои ҷузъӣ низ дида мешавад:

1. Дар диссертатсия ба фаъолияти ташкилию ҷамъиятии академик М. Эркаев диккат дода шудааст, аммо муаллиф фаъолияти сиёсии ӯро бояд пурратар мавриди таҳлилу баррасӣ карор медод, зеро М. Эркаев дар ин самт низ хизматҳои зиёд намудаанд.

2. Хуб мешуд, ки дар бахши таҳлили асарҳои М. Эркаев муаллиф ҳаракати босмачигариро дар Тоҷикистон Шимолӣ ва Помир пурратар мавриди таҳлил карор медоданд.

3. Дар бахши тайёр намудани мутахассисони касбии соҳаи таърих муаллиф мебоист шумораи комили шогирдон ва таҳкикотҳои зери роҳбарии М. Эркаев анҷомдодаро зикр менамуданд.

4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои услубию имлоӣ ба назар мерасад.

Аммо, эродҳои овардашуда тавсиявӣ буда, кимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд ва муаллиф онҳоро метавонад хангоми ба нашр расонидани монография бартараф намоянд.

Хулоса, рисолаи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзуи «Накши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри ХХ)» ба тамоми талабот ва меъёрҳои мукаррарнамудаи Низомнома ва бандҳои 31-37-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ", ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдик шудааст ва тағйиру иловаҳо ба он (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти № 295), пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич – сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халки тоҷик) мебошад.

Такризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи таърихи халки тоҷики факултети таърих ва хукуки МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" санаи 29-уми марти соли 2024 баррасӣ ва тасдик шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» - 18;
«муқобил» - нест;
«бетараф» - нест.

Суратҷаласаи кафедра № 8 аз 29 марти соли 2024.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи таърихи халқи**
**тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Носири Хусрав»,**
**номзади илмҳои таърих, саромӯзгор:** **Мирзоев Ғ.Ш.**

**Ташхисгар,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор:** **Алимов Д.Х.**

**Котиби ҷаласа:** **Қурбонова М.С.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**Сардори ШК ва КМ МДТ**
**«ДДБ ба номи Носири Хусрав»** **Шукурзод Ҷ.А.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ, 67, МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
тел: (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53
htt: // www.btsu.tj. E-mail: btsu78@mail.ru

«29» 03 соли 2024